ВАРАҚАИ ИТТИЛООТИИ № 47
КОТИБОТИ ШӮРОИ МАШВАРАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ

**НАШРИ МАХСУС**

**МАВЗУҲОИ АСОСӢ:**

- **Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо соҳибкорон ва сармоягузорон**
- **Форуми иқтисодӣ ва сармоягузории “Душанбе-2014: Соҳибкорӣ–муҳаррики иқтисодиёт»**

# МУЛОҚОТИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО СОҲИБКОРОН ВА САРМОЯГУЗОРОН




Имрӯз, 14 октябри соли 2014 дар Маҷмааи давлатии Кохи Борбади шаҳри Душанбе мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо соҳибкорон ва сармоягузорон доир гардид.

Дар чорабинии мазкур зиёда аз 2 ҳазор нафар соҳибкорон ва сармоягузорони ватанию бурунмарзӣ, намояндагони созмонҳои байналмилалӣ, ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ, бонкҳои ҷумҳурӣ, ҷамъиятҳои хоҷагидор, олимону коршиносони варзида, роҳбарони вазорату идораҳои давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ иштирок намуданд.

Зимни суханронии худ Президенти мамлакат таваҷҷуҳи ҳозиринро ба ҳадафҳои ташкили мулоқоти мазкур, аз ҷумла тақвият бахшидан ба ислоҳот

ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахшҳои саноати миллӣ, навсозии техникиву технологии корхонаҳои саноатӣ, коркарди пурраи ашёи хоми маҳаллӣ, истеҳсоли маҳсулоти тайёри рақобатпазири ҷавобгӯи стандартҳои байналмилалӣ, рушди имкониятҳои содиротии мамлакат, мусоидат намудан ба ҷалби бештари сармоягузориҳо, дарёфти сарчашмаҳои афзалиятноки маблағгузориҳои дарозмуддати сармоягузорӣ, инчунин мубодилаи иттилоот, робита ва таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ ҷиҳати рушди ҳамкории соҳибкорон ва сармоягузорони ватанию хориҷӣ, муайян намудани самтҳо ва роҳҳои асосии васеъ намудани ҳуқуқ ва имкониятҳои соҳибкорону сармоягузорони ватанию хориҷӣ бо мақсади дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ ва рушди саноат дар самти коркарди ашёи хоми ватанӣ ҷалб карда, тадриҷан татбиқ намудани ҳадафҳои мазкурро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим арзёбӣ намуданд.

Президенти ҷумҳурӣ роҷеъ ба натиҷаҳоиислоҳоти татбиқшуда, беҳтар гардидани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ ибрози назар намуда, ҳамчунин қайд карданд, ки бо вуҷуди тамоюлҳои манфӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ ва таъсири онҳо ба иқтисодиёти кишвар, дар соли 2013 афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар сатҳи 7,4 фоиз нигоҳ дошта шуда, даромади пулии аҳолӣ 16,5 фоиз ва маоши моҳонаи як корманд 20 фоиз афзуд. Пасандозҳои бонкии аҳолӣ дар панҷ соли охир беш аз 3,2 баробар зиёд гардида, соли 2013 қариб ба 4 миллиард сомонӣ баробар шудааст.

Тавре дар суханронии пурмуҳтаво қайд шуд, муваффақ гардидан ба суботи макроиқтисодӣ имконият фароҳам овард, ки соли 2013 сатҳи камбизоатӣ аз 38,3 фоиз то 35,6 фоиз коҳиш ёбад ва то соли 2015 ин нишондиҳанда то 30 фоиз таназзул хоҳад ёфт.

Дар робита ба миқдори умумии ҷойҳои нави кории муҳайёшуда ва барқароргардида қайд карда шуд, ки дар панҷ соли охир он 870 ҳазор, аз ҷумла танҳо соли 2013 беш аз 185 ҳазорро ташкил намуд, ки ин раванд барои беҳтар гардидани вазъи бозори меҳнат ва рушд ёфтани сатҳи зиндагии мардум мусоидат намуд.

Президенти мамлакат нақши муассири бахши хусусиро дар таъмини рушди устувори иқтисодиёти ҷумҳурӣ, ободонӣ, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми кишвар муҳим арзёбӣ карда, алоқамандӣ ва таваҷҷуҳи хоссаи худро ба таҳким бахшидани муколамаи давлат ва бахши хусусӣ таъкид намуданд. Тазаккур дода шуд, ки дар давоми ҳафт соли охир дар мамлакат зиёда аз 1600 корхонаи нави саноатӣ бо 50 ҳазор ҷойи корӣ, аз ҷумла корхонаҳои саноати

коркарди маъдан ва дигар намудҳои ашёи хоми саноатӣ, нахи пахта, истеҳсоли маводи сохтмон, коркарди меваю сабзавот бунёд карда шудаанд ва танҳосоли гузашта соҳибкорони ватанӣ 332 корхонаи нави истеҳсолӣ сохта ба истифода додаанд. Дар ин робита зарурати вусъат бахшидан ба ин раванд таъкид карда шуд.

Афзудани миқдори субъектҳои соҳибкорӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар раванди мусбӣ ба ҳисоб рафта, дар чор соли охир шумораи он аз 186,5 ҳазор дар соли 2010 то ба 293,0 ҳазор дар соли 2014 расонида шуд ва афзоиши он дар маҷмӯъ 57 фоизро ташкил намуд.

Вобаста ба фаъолияти бахши хусусӣ Президенти кишвар қайд намуданд, ки соли гузашта ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 40,5 млрд. сомониро ташкил намуд, ки аз ин зиёда аз 63 фоизи он ба бахши хусусӣ рост меояд.

Зимни таҳлили ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ Президенти ҷумҳурӣ вобаста ба масъалаҳои низоми “Равзанаи ягона”, расмиёти бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, иҷозатномадиҳӣ вазарурати такмили ин низом, ҳуҷҷатгузорӣ дар он, қарздиҳӣ ва дастгирии соҳибкорон тавассути фондҳои соҳибкорӣ, масъалаҳои андозбандӣ ва расмиёти гумрукӣ, ислоҳоти санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ, сармоягузорӣ дар соҳаҳо ва ғайра ибрози назар намуда, андешидани тадбирҳои заруриро баҳри бартараф кардани монеаҳо дар самтҳои зикргардида таъкид намуд.

Ҳамзамон, Президенти мамлакат ба соҳибкорону аҳли тиҷорат дар рушди иқтисодиёти кишвар, дар устувор намудани асосҳои иқтисодии истиқлолияти давлат, бунёди корхонаву муҳайё намудани ҷойҳои корӣ, коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ дар ҷумҳурӣ, дастгирии эҳтиёҷмандону ниёзмандон, ободу зебо гардонидани диёри барои ҳар фарди бонангу номуси миллат муқаддас миннатдорӣ баён намуда, изҳори итминон карданд, ки тоҷирону соҳибкорон бо дарки масъулият ва номусу шарафи ватандорӣ дар рушду пешрафт ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми ҷумҳурӣ саҳми босазо хоҳанд гузошт.

Баъди анҷоми суханронӣ Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба суолу дархостҳои сершумори соҳибкорон ва сармоягузорони ватанию бурунмарзӣ, ки аз гӯшаҳои гуногуни Тоҷикистон ва аз кишварҳои хориҷӣ ба ин мулоқот ҳозир шуда буданд, посуххои қаноатманд дод.

Дар суханронии худ соҳибкорон, намояндагони шарикони рушд ва бахши хусусӣ аз роҳбарияти ҳукумату давлат дар самти дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ибрози назар намуда, ҳамзамон ҷиҳати вусъат бахшидани раванди

ислоҳоти иқтисодӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ андешаҳои худро баён намуданд.

Дар анҷоми мулоқот Президенти кишвар аз иштироки фаъолонаи соҳибкорон дар баррасии масъалаҳои матраҳгардида изҳори қаноатмандӣ намуда, вобаста ба таклифу пешниҳодҳои судманди иштироккунандагони мулоқоти мазкур ба мақомоти дахлдори марказӣ ва маҳаллӣ супоришҳои дахлдор дода, онҳоро вазифадор намуд, ки ҳамаи баромадҳои иштироккунандагонро мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор диҳанд ва баҳри дар амал татбиқ намудани дархостҳои асоснокгардида тадбирҳои зарурӣ андешанд.

## ФОРУМИ ИҚТИСОДӢ ВА САРМОЯГУЗОРИИ “ДУШАНБЕ-2014: СОҲИБКОРӢ-МУҲАРРИКИ ИҚТИСОДИЁТ”

Имрӯз,15 октябри соли 2014 дар шаҳри Душанбе дар бинои Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Форуми иқтисодӣ ва сармоягузории “Душанбе-2014: Соҳибкорӣ–муҳаррики иқтисодиёт» доир гардид.

Дар форуми мазкур беш аз 500 нафар соҳибкорону сармоягузорони ватанию бурунмарзӣ, намояндагони як қатор ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз қабили Созмони Милали Муттаҳид, Бонки Ҷаҳонӣ, Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ, Бонки Исломии Рушд, Бонки Осиёии Рушд, намояндагони дипломатии кишварҳои дунё, олимону коршиносони варзида, корхонаҳо ва ҷамъиятҳои хоҷагидори пуриқтидор, роҳбарони як қатор мақомотҳои давлатӣ иштирок намуданд.

Дар оғози чорабинӣ Президенти мамлакат суханронӣ намуда, ҳозиринро ба Форуми иқтисодӣ ва сармоягузории “Душанбе-2014: Соҳибкорӣ - муҳаррики иқтисодиёт” хайрамақдам гуфт ва натиҷабахш гардидани иштироки онҳоро дар кори ин форум изҳор намуданд.

Президенти кишвар баргузории Форумро, ки намояндагони Ҳукумати мамлакат, ташкилотҳои байналмилалӣ, доираҳои коршиносон, сармоягузорону соҳибкоронро аз 35 мамолики ҷаҳон ва аҳли тиҷорату соҳибкорони ватаниро ба ҳам гирд овард, дар ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон руйдоди ниҳоят муҳим арзёбӣ намуданд.

Президенти ҷумҳурӣ аз нақши назарраси бахши хусусӣ, ки саҳми он дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар соли 2013 зиёда аз 63 фоизро ташкил медиҳад, ёдрас

шуда, қайд карданд, ки имрӯз бахши хусусӣ аз имкониятҳои мавҷуда истифода бурда, дар ободонӣ, рушди иқтисодии мамлакат ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардуми ҷумҳурӣ саҳми босазо гузошта истодааст.

Дар натиҷаи амалӣ намудани як зумра ислоҳот нишондиҳандаҳои кишвар дар гузориши ҳарсолаи Бонки ҷаҳонӣ «Пешбурди Тиҷорат» хеле беҳтар гардида, дар солҳои 2010 ва 2011 Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори даҳ кишвари ислоҳотгар шомил гардид.

Сарвари мамлакат бо изҳори боварӣ зикр намуданд, ки дар Тоҷикистон тамоми шароити зарурӣ ва фазои муносиби пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ фароҳам оварда шуда, барои дастгирӣ ва рушди бахшҳои воқеии иқтисодиёт, соддагардонидани қоидаҳо вобаста ба танзими фаъолияти соҳибкорӣ тадбирҳои иловагӣ андешида шуда истодаанд. Барои ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусиву соҳибкорӣ ва ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ, ҳимояи ҳуқуқӣ байни шахсони ҳуқуқиву воқеии дохилӣ ва хориҷӣ, ки яке аз ҳадафҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мегарданд, корҳои назаррас анҷом дода шуда, дар кишвар шароити озоди рақобат фароҳам оварда шудааст.

Президенти кишвар роҷеъ ба имкониятҳои воқеӣ ва захиравии таъминкунандаи рушди устувор, аз қабили захираҳои фаровони гидроэнергетикӣ ва оби тоза, захираҳои зеризаминӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ибрози назар намуда, таҳким бахшидани ҳамкориҳои мутақобилан судмандро дар самтҳои энергетика, саноат, кишоварзӣ, туризм, нақлиёту коммуникатсия мувофиқи мақсад арзёбӣ намуданд.

Тоҷикистон дорои имконияти истеҳсоли 527 млрд/квт.соат қувваи барқ дар як сол буда, айни замон ҳамагӣ 6 фоизи ин иқтидорҳо аз худ карда шудаанд ва вобаста будани таъмини рушди минбаъдаи иқтисодиёти кишвари мо, алалхусус соҳаи саноату бахши иҷтимоии он ба рушди иқтидорҳои гидроэнергетикӣ ва саҳми мамлакат дар оянда таъмин намудани кишварҳои рушдёфтаистодаи ҳамсоя бо нерӯи барқ таъкид гардид.

Вобаста ба масъалаи  такмили сохтории иқтисодиёт ва бунёди корхонаҳои нави истеҳсолӣ, ҳамчунин ба шароити имрӯза мутобиқ гардондани фаъолияти иншооти саноатии мавҷуда тариқи ҷалби сармояи хориҷӣ ва татбиқи технологияҳои муосир қайд гардид, ки  барои ҷалби сармоя ҷиҳати коркарди маъданҳои кӯҳӣ имкониятҳои васеъ мавҷуд буда, дар ҷумҳурӣ зиёда аз 600 кони захираҳои табиии маъданӣ ва ғайримаъданӣ муайян, кашф ва барои азхуд намудан омода карда шудаанд. Ҷумҳурӣ ҳамаи навъҳои сангҳои қиматбаҳо,

металлҳо ва ашёи заруриро доро буда, истихроҷ ва коркарди онҳо низ арсаи ҳамкории судманди иқтисодист.

Лоиҳаҳои хурду бузурги инфрасохторӣ ва нақлиётию коммуникатсионӣ, парвариши номгӯи васеи сабзавоту меваҳо, соҳаи туризм, аз ҷумла туризми кӯҳӣ, соҳаи саноати кимиё ва тиб ва истеҳсоли доруворихо ҳамчунсамтҳои дигари ояндадори ҷалби сармоя ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд қайд карда шуд.

Зимни суханронӣ оид ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ки айни ҳол дар Тоҷикистон чор адад чунин минтақаҳо фаъолият дошта, дар онҳо барои фаъолияти васеи иқтисодӣ, молиявӣ, тиҷоратӣ, иттилоотию хизматрасонӣ ва ғайра шароити созгору имтиёзнок фароҳам оварда шудааст, ҳамчунин барои сармоягузорон дар маҷмӯъ муайян гардидани зиёда аз 40 намуди кафолатҳо ва имтиёзҳо, аз ҷумла вобаста ба андозсупорӣ ва амалиётҳои гумрукӣ муайяннамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, имтиёзҳои махсуси иловагӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт - бахши энергетикию истеҳсолӣ, аз ҷумла коркарди пурраи алюминий, пахта ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ зикр гардид.

Дар хотима Президенти кишвар изҳори итминон намуданд, ки натиҷаи кори Форум барои рушди соҳаҳои инфрасохтор, энергетика, саноат, фаъолияти бонкӣ, молия, кишоварзӣ ва сайёҳӣ такони тоза хоҳад бахшид ва соҳибкорону сармоягузорон аз шароити мусоиди барои сармоягузорӣ фароҳам овардашуда ҳамаҷониба истифода бурда, ҳамкориҳои судмандро дар ин ҷода густариш хоҳанд дод.

Дар ифтитоҳи форум инчунин Масару Хонма - Директори минтақавии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд оид ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, Си Си Ю – Раиси Шӯрои ҳмоҳангсозии шарикони рушд, директори кулли Ҷамъияти саҳомии кушодаи “НБО Сангӯда-1” Павел Лавров, Роҳбари Ширкати саноати кухии Тоҷикистону Хитой Чен Ин Сян ва Роҳбари ширкати “Шиевер Тоҷикистон” Фредерик Лоб суханронӣ намуданд.

Сипас кори форум дар бахши пленарии “Тоҷикистон-стратегияи рушди соҳибкорӣ, сармоягузорӣ ва тиҷорат” бо сухаронии Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлаталӣ Саид идома дода шуд.

Дар бахши пленарии мазкур вобаста ба мавзӯҳои “Имкониятҳо ва дурнамои рушди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар Тоҷикистон”, “Ҳамкории минтақавӣ ва алоқаи байниҳамдигарӣ”, “Афзалиятҳои асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти бунёди фазои мусоиди сармоягузорӣ”, “Сиёсат ва ислоҳоти асосии ба ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ мусоидаткунанда”, “Соддагардонии расмиёт барои сармоягузорон”, “Усулҳои инноватсионии

танзими соҳибкорӣ дар мақомоти андоз", "Бартараф намудани монеаҳои рушди тиҷорати байналмилалӣ барои соҳибкории хурд ва миёна, аз ҷумла танзими гумрукӣ ва воридшавӣ ба СУС" Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Шариф Раҳимзода, Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нусратулло Давлатзода ва намояндагони як қатор созмону ширкатҳои байналмилалӣ, аз ҷумла роҳбарони намояндагиҳои Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ва Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ дар Тоҷикистон, ширкати ҷаҳонии рейтнгии Стандард энд Пуарс" (Standard & Poors) ва дигарон баромад карданд.

Ҳамчунин, кори форум дар 5 бахши алоҳида ба роҳ монда шуда, дар ин бахшҳо иштирокчиёни форум вобаста ба мавзуъҳои умумии «Рушди низоми устувори молиявӣ», "Сармоягузориҳо ба бахши энергетика", "Рушди соҳаҳои саноат ва хизматрасонӣ тавассути соҳибкорӣ", «Сармоягузориҳо ба коммуникатсияҳои нақлиётӣ», «Имкониятҳо ва бартариятҳои рақобатии соҳаи тиҷи аграрӣ» маърӯза ва баромадҳои худро пешниҳод намуданд.

Ҳамчун натиҷаҳои Форуми иқтисодӣ ва сармоягузории Душанбе – 2014 таҳти унвони "Соҳибкорӣ-муҳҳарики иқтисодиёт" як қатор ёддоштҳои тафоҳум, аз ҷумла:

1. Ёддошти тафоҳум байни Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажуҳишгоҳи метаноли Сингапур оид ба ҳамкорӣ ва шарикӣ.
2. Ёддошти ҳамкорӣ байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи ҷамъиятҳои тиббӣ оид ба сифати Федератсияи Россия вобаста ба рушди системаи таҳсилоти тиббӣ тибқи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ.
3. Ёддошти тафоҳум байни Корхонаи воҳиди давлатии Корхонаи Алюминии Тоҷик ва Ширкати Глинкор Интернешнл Швейтсария дар бораи ба роҳ мондани ҳамкориҳо.
4. Ёддошти тафоҳум байни Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дафтари Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) оид ба ташкили бизнес – инкубаторҳо ба имзо расонида шуданд.

Инчунин санади ниҳоии Форум – Изҳороти Форуми иқтисодӣ ва сармоягузории Душанбе-2014 қабул гардид.

***Бо эҳтиром,***

***Кормандони Котиботи Шӯрои машваратии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид
ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ***

***Нумон Абдуҷаборов - Роҳбари Котибот
Дилшод Одинаев - мушовири иқтисодӣ
Манучеҳра Мадҷонова - мушовири иқтисодӣ
Сафарбӣ Файзова - ёвари маъмурӣ***